Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ», яке аз мавзӯҳои мубрам дар илми ҳуқуқшиносии муосир ба ҳисоб рафта, заминаи ҳуқуқии таҳлили ҳамаҷонибаи танзими муносибатҳои соҳаи иҷрои уҳдадориҳои пулиро, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор нагирифта будаанд, фароҳам меорад.

Дар замони ҳозира уҳдадориҳои пул унсури ҷудонопазири иқтисоди бозорӣ буда, ба онҳо дар низоми ҳуқуқии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ дар навбати аввал бо гуногуншаклӣ ва тафовути онҳо алоқаманд буда, ба бозори ҳозиразамон нигаронида шуда, давлат бошад, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Қобили зикр аст, ки аз иҷрои уҳдадориҳои пулӣ суботи муомилоти иқтисодӣ вобастагии калон дорад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия, таҳияи чунин механизмҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ ва рӯёнидани товони зарар мусоидат менамоянд.

Дар автореферат 8 нуқтаи илмӣ ва 2 пешниҳод бобати мукаммал намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ки ҳамаи онҳо муҳим буда, дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд.

Муаллифи диссертатсия мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, намудҳо, таснифот, мазмун ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулиро таҳлилу баррасӣ намуда, онҳоро ҳамчун қисми таркибии соҳаҳои махсуси ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ баҳо медиҳад. Аслан мазмуни иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар тафсири диалектикӣ ва бисёрмеъёрии рушди он зоҳир ёфта, ба сифати бахши мустақили соҳаҳои ҳуқуқи гражданию соҳибкорӣ барои ба даст овардани фоида, ҳифзи манфиатҳои тарафҳо ва ғайра муайян гардида, асос меёбад.

Зикр бояд кард, ки уҳдадории пулӣ, ҳамчун ҷузъи таркибии уҳдадориҳо, муносибати ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ буда, мазмуни он

дар ҳуқуқи кредитор ва ухдадориҳои дахлдори қарздор ҷиҳати иҷрои амал (худдорӣ аз беамалӣ) вобаста ба супурдан (интиқол)-и маблағи муайяни пулӣ ифода меёбад. Уҳдадориҳои пулӣ, бояд бо предмет, тарз ва субъекти муносиб, инчунин, дар вақт ва ҷои муносиб иҷро шаванд. Тартиби аниқи иҷрои уҳдадориҳои пулиро тарафҳо дар шартнома муқаррар мекунанд.

Аз ин рӯ, мавзӯи уҳдадориҳои пулӣ муносибатҳои пулие мебошанд, ки дар ҷараёни муомилоти гражданӣ дар доираи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд. Иҷрои уҳдадории пулӣ метавонад, ки аз ҷониби кредитор бо тарзҳои гуногун, яъне якбора ё қисман, то ва ё баъди ба ӯ аз ҷониби шарикҳо пешниҳод шудани иҷрои ҷавобӣ сурат гирад. Аз рӯи қоидаи умумӣ иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ аз ҷониби субъектҳои он, яъне аз ҷониби қарздор ба таври муносиб ба манфиати кредитор иҷро намудани уҳдадорӣ ва аз ҷониби кредитор қабул намудани онро дар назар дорад, муаллиф бояд ҳангоми ҳимоя ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои худро иброз намояд (саҳ. 10).

Муаллиф дар таҳқиқоти анҷомдодааш қайд менамояд, ки масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳо оид ба фоизҳо аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва намудҳои алоҳидаи онҳо дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, дар қонунгузории амалкунанда бошад, ҳеҷ гуна қоидаҳои умумӣ оид ба шартҳои иҷрои онҳо муқаррар нашудааст. Дар КГ ҶТ меъёрҳое, ки қоидаҳои иҷро намудани чунин уҳдадориро пурра ба тартиб дарорад, вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили мазмуни моддаи 426 КГ ҶТ ӯ ба хулоса меояд, ки ба фоизҳо аз рӯи уҳдадориҳои қарзӣ тааллуқдошта, фоиз аз рӯи дигар уҳдадориҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд меоянд, дарбар намегирад. Қайд менамоем, ки табиати иқтисодӣ ва ҳуқуқии фоизҳо аз рӯи уҳдадориҳои қарзӣ ва фоизҳои вобаста ба уҳдадориҳои пулӣ, ки мутобиқи м. 426 КГ ҶТ рӯёнида мешаванд, ягона мебошад, зеро дар ҳарду ҳолат қарздор маблағҳои пулии ғайреро истифода мебарад. Ин воситаҳои пулӣ агар дар ихтиёри кредитор мебуданд, онҳо метавонистанд, ки ба ӯ фоидаи муайян оранд.

Ҳамин тавр, дар мавриди иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ ё гузаронидани мӯҳлати пардохти онҳо, ё беасос гирифтани онҳо, ё аз ҳисоби шахси дигар захира намудани онҳо, бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад. Вале КГ ҶТ андозаи мушаххаси фоизи барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ пардохтшавандаро муайян накардааст. Феълан андозаи чунин фоиз бо дарназардошти ставкаи миёнаи фоизи Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф муайян карда мешавад (саҳ. 10-11).

Ҳамзамон, пешниҳоди муаллиф оид ба илова намудани банди нав дар моддаи 339 КГ ҶТ бо мазмуни зерин – аз рӯи уҳдадории пулӣ вобаста ба пардохти маблағи пулии ғайринақдӣ – дар маҳалли ҷойгиршавии бонк (воҳидҳои сохтории бонк), ки дар он (онҳо) барои кредитор суратҳисоби бонкӣ кушода шудааст. Агар дар маҳал ё кишвари пардохти маблағ, кредитор суратҳисоби бонкӣ барои гузаронидани маблағро дошта бошад, қарздор ҳақ дорад дар мавриди эътироз надоштани кредитор уҳдадории

пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузаронидани маблағ иҷро намояд боиси дастгирӣ буда, барои ба танзим даровардани муносибатҳои маданӣ ва фаъолияти кредиторон мусоидат менамояд (саҳ. 13-14).

Боиси тазаккур аст, ки эродҳои дар боло зикргардида хусусияти ҷузъӣ дошта, сифати рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Автореферат мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, маълумоти зарурироро дар шакли мухтасар дар бораи диссертатсия дода метавонад ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсияи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст ва ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Тоҷибоев Ш.А.

Суроға: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр.17., хонаи 1, Телефон: + 992(3422) 2-38-11, Email: Info@tsulbp.tj, www: http://tsulbp.tj

Имзои Ш.А. Тоҷибоевро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Мирпочоев И.Ҳ.